# Масҳ бар мӯзаҳо (масҳиҳо), захмбанд, тахтаи шикастабандӣ ва аҳкоми он

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Абдушарифи Боқизода**

2009 - 1430

islamhouse.com

# المسح على الخفين و الجبيرة و أحكامهما

« باللغة الطاجيكية »

عبد الشريف عبد الباقي

2009 - 1430

islamhouse.com

## Масҳ бар мўзаҳо (масҳиҳо), захмбанд, тахтаи шикастабандӣ ва аҳкоми он

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ ١٨٥ ﴾ البقرة: ١٨٥

**«Худованд осониро барои шумо мехоҳад ва сахтиву душвориро барои шумо намехоҳад».**[1]

Барои эҷоди суҳулат дар анҷоми ибодатҳо шариъат як силсила сабукиҳоеро дар назар гирифтааст, ки масҳ кашидан бар масҳӣ, захмбанд ва … аз он ҷумла мебошанд. Масҳ аслан бо суннати Расули Худо (с) собит гардидааст.

Аз ҷумла аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) муддати масҳро барои мусофир се шабонарўз ва барои муқим як шабонарўз муайян намудааст, он ҷо, ки мефармояд: ***«Мусофир то се шабонарўз ва муқим то як шабонарўз (бар мўзаҳояшон) масҳ мекашанд»***.[2]

Ибни Мунзир мегўяд: Ҳасани Басрӣ (р) гуфт: ***«Ҳафтод нафар аз асҳоби Паёмбар (с) бароям***

[1] - Сураи Бақара, 2: 185.

[2] - Ҳадиси саҳеҳ: [Мухтасари Саҳеҳи Муслим, 139]. Саҳеҳи Муслим, 276. Сунани Насоӣ, 127, 128, 129. Сунани Куброи Насоӣ, 131. Муснади Имом Аҳмад, 21344, ҷ. 6, с. 278. Мўъҷамулкабир, 3764, 3772, ҷ. 4, с. 95, 96, 9246, 9247, ҷ. 9, с. 252.

***ривоят кардаанд, ки Расули Худо (с) бар мӯзаҳои (масҳиҳои) худ масҳ мекашид».***[1]

Он касе, ки бо пои таҳорат мӯза (масҳӣ) пӯшидааст, пас ҳар гоҳ бевузӯ гардад, метавонад ҳангоми вузӯ ба ҷои шустани пойҳояш бар мӯзаҳои худ масҳ кашад.

Масҳ бар мӯзаҳо ба ин сурат аст, ки шахси вузӯкунанда ангуштони худро бо об тар намуда, сипас ба миқдори се ангушт бар болои мӯзаҳои худ аз ҷое, ки сари ангуштонаш қарор гирифтааст, то поинтар аз соқ масҳ мекашад.

Масҳ бар пойафзолҳо дар сурате ҷоиз аст, ки шартҳои зеринро доро бошанд:

**1.** Ин ки пойафзор буҷилаки пойро пӯшонида бошад.

**2.** Сафар ба василаи он мумкин бошад.

**3.** Ин ки шахс ҳангоми вузӯ доштан онро пӯшида бошад.

Агар як пои мӯза ба андозае шикоф шуда бошад, ки се ангушти кӯчаки по аз он намоён шавад, дар ин сурат масҳ кашидан бар он ҷоиз намебошад. Вале агар ҷои даридагӣ камтар аз ин миқдор бошад, масҳ бар он ҷоиз аст.

Муқим (шахсе, ки дар ҷое истиқомат мекунад) то як шабонарӯз ва мусофир то се шабонарӯз метавонад бар мӯзаҳояш масҳ кашад. Оғози ин муддат аз вақти бевузӯ шудан ҳисоб мешавад.

Масалан, агар шахси муқим пас аз вузӯи намози бомдод мӯза пӯшида ва баъд ҳангоми намози зӯҳр (пешин) бевузӯ гардад, дар ин сурат то зӯҳри рӯзи

[1] - Насбуррояи Зайлаъӣ, 162.

баъд бар мӯзаҳояш масҳ мекашад. Мусофирро низ ба ин қиёс кунед.

Муқиме, ки қабл аз ба поён расидани як шабонарӯз мусофир мегардад, метавонад то охири се шабонарӯз масҳ намояд ва мусофире, ки муқим мешавад, агар муддати масҳаш як шабонарӯз ё зиёдтар шуда бошад, лозим аст, ки мӯзаҳояшро бароварда аз нав пойҳояшро бишӯяд, вале агар муддати масҳ камтар аз он бошад, як шабонарӯзро пурра менамояд.

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ هُوَ ٱجْتَبَىٰكُمْ وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِى ٱلدِّينِ مِنْ حَرَجٍ ۝٧٨ ﴾ الحج: ٧٨

**«Ӯ (Худованд) шуморо баргузидааст ва ҳеҷ душворӣ ва ҳараҷеро аз ноҳияи дин бар шумо бор накардааст».**[1]

Агар узви бадани шахсе ҷароҳат бардорад ва бо захмбанд баста шавад ва ё бишиканад ва шикастабандӣ шавад, дар ин ҳолатҳо бар болои захмбанд ва тахтаҳои шикастабандӣ масҳ мекашад ва то замони беҳбудӣ ёфтанаш онро идома медиҳад.

Дар мавриди масҳи тахтаи шикастабандӣ (ҷабира)[2], захмбанд[3] ва гачгирифтагӣ (гипс) лозим нест, ки пеш аз бастани он ғусл намуда ва ё вузӯ дошта бошад ва

---

[1] - 1 Сураи Ҳаҷ(ҷ), 22: 78.

[2] - Ҷабира- тахтаҳо, чӯбҳо ва чизҳои дигареро мегӯянд, ки бо онҳо узвҳои шикаста ва кафидаи бадани инсон баста мешаванд.

[3] - Захмбанд- дастмол, бинт ва чизҳои дигаре мебошад, ки бо онҳо ҷароҳатҳо ва яраҳои бадан баста мешаванд.

ҳамчунин муддати муайяне барои масҳи он вуҷуд надорад.[1] Танҳо лозим аст, ки андозаи он аз ҳаҷми захм зиёд набошад.

Агар он чӣ захм бо он баста шудааст (тахтачаи шикастабандӣ ва ё порча ва латта) пеш аз беҳбуд ёфтани захм ё яра бияфтад, дар ин ҳолат масҳ ботил намешавад. Вале агар баъд аз беҳбудии он бияфтад, дар ин сурат масҳ ботил мегардад.

---

[1] - Дар бораи масҳ бар ҷабира (захмбанд, тахтаи шикастабандӣ ва…) омадааст, ки: ***пайвандҳои дасти Алӣ дар рӯзи ҷанги Уҳуд шикаст, Расули Худо (с) ӯро ба масҳ кашидан ба болои он амр намуд»*** . (Сунани Ибни Моҷа, 657). Аз худи Алӣ (р) низ ривоятҳое ба ҳамин маъно зикр шудааст. (Сунани Доруқутнӣ, 3, ҷ. 1, с. 226. Мусаннафи Абдурраззоқ, 623, ҷ. 1, с. 161). Дар ривояти дигаре аз Ҷобир (р) омадааст: ***сафарҳо санге бар сари марде аз ҳамроҳонамон зад ва сари ӯро кафонд. Пас аз он он мард эҳтилом шуд ва ба ҳамроҳонаш гуфт: Оё иҷозат аст, ки (дар чунин ҳолате)таяммум намоям? Ҳамроҳонаш гуфтанд: Вақте об ҳаст, мо бароят дар ин бора рухсате намебинем. Он мард ғусл кард (ва дар натиҷа) вафот кард.***

***Вақте ба назди Паёмбар (с) омадем (ва) аз ин кор хабар дода шуд, гуфт: Худо онҳоро бикушад, ки ӯро куштанд.***

***Вақте намедонистанд, чаро напурсиданд? Дармони (дарди оҷизӣ ва) нодонӣ пурсиш аст. Кифоя буд, ки таяммум мекард. Порчаеро бар ҷароҳати сараш мебаст ва бар он масҳ мекашид ва дигар мавзеъҳои баданашро мешуст».*** *(Сунани Абудовуд, 336, 337. Сунани Ибни Моҷа, 572.Мустадраки Ҳоким, 585, ҷ. 1, с. 270. Ҳоким онро саҳеҳ гуфтааст. 630, 631, ҷ. 1, с. 285, 286. Сунани Куброи Байҳақӣ, 1107, 1110, ҷ. 1, с. 388, 390.*

*дар иснодаш вуҷуд дорад, саҳеҳтарин чизе гуфтааст, ки дар ин боб ривоят шудааст). Аз Ибни Аббос (р) низ чунин ривояте омадааст.*

Масҳ бар салла, кулоҳ, рӯпӯш ва дасткаш ҷоиз нест.

## Баъзе масоили масҳ

**а)** Агар масҳиҳо ба қадре кӯтоҳ бошанд, ки буҷили пойҳоро напӯшонанд, масҳ бар он намуди масҳӣ ҷоиз нест.

**б)** Агар масҳиҳои маъмулиро (масҳиҳое, ки то соқи пойро мепӯшонанд) барои гарм нигоҳ доштани пойҳояш бетаҳорат пӯшида бошад, масҳ бар онҳо дуруст нест. Бояд дар ҳолати вузӯ онҳоро бароварда, пойҳояшро бишӯяд.

**в)** Шахсе мӯзаҳои худро бо таҳорат пӯшида бошад, вале баъдтар бар вай ғусл воҷиб гардад, дар ин сурат масҳ бар мӯзаҳояш барои покшавии ӯ аз ҷанобат кифоя намекунад, балки зарур аст, ки мӯзаҳояшро бароварда, пойҳояшро барои рафъи ҷанобат бишӯяд.[1]

Масҳи мӯзаҳо эҷоди навъе сабукӣ аз ҷониби шаръ барои вузӯгирандагон аст, ки дар шабонарӯз шояд борҳо вузӯ гиранд, на барои ғуслкунанда.

**г)** Тариқаи масҳ ин аст, ки ангуштони дасташро тар намуда, аз сари ангуштони по шурӯъ намояд ва ба тарафи боло бикашад, вале кафи дасташро нагузорад. Дар сурате, ки бар паҳнии по масҳ кашад, ҷоиз аст,

[1] - Ривоят шудааст:
сафар мӯзаҳо (ва пойафзорҳои) худро то се шабонарӯз (бо шикастани вузӯ) аз пешоб, қазои ҳоҷат ва хоб набарорем, магар аз ҷанобат». (Сунани Тирмизӣ, 96, 3535, 3536. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст. Сунани Насоӣ, 126, 127, 129, 158, 159. Сунани Ибни Моҷа, 4070. Мӯъҷамулкабир, 7359, ҷ. 8, с. 58. Ва…).

вале хилофи мустаҳаб мебошад. Масҳ бар кафи по ё ду тарафи по ва ё пушти по дуруст нест.[1]

**д)** Агар тамоми ангуштони дастро бар масҳиҳо нагузошт, балки бо нӯги ангуштонаш масҳ кашид, ин масҳ дар сурате дуруст мегардад, ки аз сари ангуштонаш об бирезад ва ба андозаи як ангушт болои масҳиро тар намояд.

**ж)** Ба миқдори се ангушт бар ҳар масҳие масҳ кашидан фарз аст ва камтар аз ин миқдор ҷоиз нест. Кушода доштани ангуштони даст дар вақти масҳ кашидан ва то соқи по кашидани масҳ суннат мебошад.

**з)** Назари Абуҳанифа (р.ҳ) дар бораи масҳи ҷӯрабҳо ин аст: Масҳи ҷӯрабҳо дар сурате ҷоиз аст, ки онҳо чармкорӣ ва ё наълбандӣ шуда бошанд. Чармкории ҷӯрабҳо ин аст, ки қисмати боло ва поёни онҳо бо пӯст ва чарм мустаҳкам сохта шаванд ва наълбандӣ он аст, ки дар қисмати зеринаш чармеро бичаспонанд, ба монанди наъл.

Дар назди Имомайн (Абуюсуф ва Муҳаммад (р.р.)) масҳи ҷӯрабҳо вақте ҷоиз аст, ки сахту мустаҳкам

---

[1] - Ривоят шудааст, ки Алӣ (р) фармуд: ***раъй (ва андеша) вогузор мебуд, ҳатман, (аз назари ақл) масҳ кашидан бар кафи мӯза аз пушташ беҳтар буд. Локин Расули Худо (с)-ро дидам, ки бар пушти онҳо масҳ мекашид»***. (Сунани Абудовуд, 162, 164. Сунани Куброи Байҳақӣ, 1428, ҷ. 1, с. 491. Сунани Доруқутнӣ, 4, ҷ. 1, с. 204. Мусаннафи Ибни Абушайба, 43, ҷ. 1, с. 208).

бошанд, на шаффофу нозук, вале чармкорӣ ва наълбандӣ шарт нест.[1]

Дар Ҳидоя омадааст, ки: Имом Абуҳанифа (р.ҳ) дар бораи ҷоиз будани масҳ бар ҷӯрабҳо ба қавли Имомайн баргаштааст, яъне ҷӯрабҳо ғафс ва мустаҳкаме бошанд, ки ба монанди масҳӣ тай намудани масофа бо онҳо мумкин бошад, дар ин ҳолат ҳукми масҳиро мегиранд. (Ба нақл аз Эълоуссунан, с. 324).

## Шикананадаҳои масҳ

**Шикананадаҳои масҳ иборатанд аз:**

1. Ҳар он чи ки вузӯро мешиканад.
2. Сипарӣ шудани муддати масҳ, ки барои муқим як шабонарӯз ва барои мусофир се шабонарӯз мебошад.
3. Баровардани мӯзаҳо.
4. Берун шудани бештари ақиби мӯза аз соқи по.

---

[1] - Аз даҳ саҳоба ривоят шудааст, ки онҳо бар ҷӯрабҳояшон масҳ мекашиданд. Абудовуд номи нӯҳ нафари онҳоро пас аз ҳадиси 159 зикр кардааст. Ҳамчунин аз Муғира ибни Шӯъба ва Абумӯсои Ашъарӣ ривоят шудааст, ки: **Расули *Худо (с) бар ҷӯрабҳо ва наълҳояш масҳ кашидааст»***. (Сунани Абудовуд, 159. Сунани Тирмизӣ, 99. Сунани Ибни Моҷа, 559, 560. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1338, ҷ. 4, с. 168). Абудовуд ин ҳадисҳоро ғайри қавӣ донистааст, вале Тирмизӣ ҳадиси Муғираро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Ҳарчанд дар бораи қувват ва заъфи ҳадиси мазкур дар миёни аҳли илм ихтилофи назарҳо вуҷуд дошта бошад ҳам, вале аксари онҳо, аз ҷумла бузургони мазҳаби ҳанафӣ, масҳ бар ҷӯрабҳоеро, ки дар ғафсӣ ва мустаҳкамӣ ба масҳӣ монанд бошанд, ҷоиз донистаанд. Зеро масҳ бар онҳо бо ривояти саҳеҳ собит гардидааст.

Дар сурати тамом шудани муддати масҳ ва ё баровардани мӯза ва ё хориҷ шудани бештари ақиби он аз соқи по, агар вузӯ дошта бошад, шарт нест, ки бори дигар вузӯ намояд, балки шустани пойҳояш кифоя мекунад.